# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

Дар низоми фарогири улуми муосир илми тиб ба таври қиёснопазир таҳаввулоту дигаргуниҳои назаррасро паси сар менамояд, ки дар он мунтазам кашфиёту кушоишҳои тоза рӯи кор омада истодааст. Бидуни шак ин пешрафту дигаргуниҳо қобили ниёзҳои инсон буда, ҷанбаи амалӣ ва манфиати чунин дастовардҳои илмӣ барои ҷомеаи башарӣ арзиши баландро касб кардааст. Дар робита бо чунин тағйироту навгониҳо дар ин соҳа мафҳумҳои нав низ мунтазам мавриди истифода қарор гирифта, дар забони илмии ин соҳа истифодаву коркарди истилоҳоту вожагони касбии навро тақозо мекунад. Маҳз барои ҳамин таҳқиқи истилоҳоту вожагонии касбии тибби муосир беш аз ҳарвақта мубрам ва муҳиму арзишманд арзёбӣ мешавад ва дар робита бо ин масъала диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна таҳти унвони «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» аз мавзуоти мубрами илми забоншиносии муосир ба шумор меравад. Дар ин маврид унвонҷӯй басо дуруст таъкид менамояд, ки бори аввал дар диссертатсия хусусиятҳои лексикию семантикӣ ва этимологии истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ, роҳу воситаҳои сохтани истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ дар асоси маводи фаровони забони матбуоти муосири тоҷик мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Дар баробари ин омӯзиш ва баррасии вижагиҳои забони васоити ахбори омма ҳамчун инъикоскунандаи вазъи кунунии забони адабии тоҷикӣ барои илми муосир имкон медиҳад, ки аз таҳаввулоти сохториву маъноӣ ва дастурии истилоҳоти тиббӣ мушаххасу дақиқ муаррифӣ гардад.

Як иқдоми қобили таъкид ва пайравӣ бар таҳқиқи мазкур аз он бармеояд, ки унвонҷӯй назари худро махсусан вобаста ба масоили истилоҳсозӣ ва интихоби вожагони касбӣ бо такя бар манобеи бостонии ниёгони мо ироа менамояд ва чунин иқдом барои посдории асолати забони адабии тоҷик ва робитаву пайванди таърихии он бо гузашта решапайванд мешавад, мақом ва арзиши забони тоҷикӣ, иқтидори онро боз ҳам тақвияту афзоиш ва нумув мебахшад.

Аз ин лиҳоз бояд таъкид варзид, ки диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна таҳти унвони «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» аз мавзуъҳои басо мубрам буда, мазмуну муҳтаво, ҳадафу вазифаҳои татбиқгардида ва

басо мубрам буда, мазмуну муҳтаво, ҳадафу вазифаҳои татбиқгардида ва масъалаҳои таҳқиқшуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.

Дар мавриди робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмии амалкунанда бояд таъкид намуд, ки таҳқиқи диссертатсионӣ мутобиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраҳои соҳавӣ, махсусан ба нақшаҳои илмии кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти пажуҳиши хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони ВАО марбут аст.

Мақсади таҳқиқ аз он бармеояд, ки интихоби истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот чун объекти таҳқиқ бо зарурати ба низом даровардани истилоҳоти миллии забони тоҷикӣ алоқаманд аст, ки ин иқдом аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишмандону забоншиносон ҷонибдорӣ қобили дастгирист. Дар робита бо ин мақсади таҳқиқоти мазкур мушаххас намудани хусусиятҳои гуногуни истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ, роҳу воситаҳои калимасозӣ ва муайян намудани мавқеи воситаҳои истилоҳсозӣ дар ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ, ҷанбаҳои решашиносии ин гурӯҳи вожагон, таснифи онҳо ва пешниҳоду равиши интихоби дурусти истилоҳоту вожагони касбӣ дониста мешавад.

Навгонии илмии таҳқиқи Шодиматова Малика Каримбердиевна таҳти унвони «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» аз он иборат аст, ки он дар самти таҳлилу омӯзиши истилоҳоти тиббии забони воситаҳои ахбори омма пажуҳиши аввалин буда, то ба ин даврон таҳлили истилоҳоти тиббӣ бо назардошти хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории забони матбуот мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Дар алоқамандӣ бо ин таҳлили маводи фаровон барои муайян кардани роҳу воситаҳои калимасозӣ ва семантикаи ташаккули истилоҳоти тиббӣ, интихобу таснифи вожагони касбии соҳавӣ, истилоҳсозиву истилоҳофарӣ омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии истилоҳоти бахши тиб арзиши айнизамонӣ дорад.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ дар он дида мешавад, ки он бо доираи мавзуъ ва масоили пажуҳишии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ бапуррагӣ мувофиқат дорад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ дар баррасии илмии мавзуи мубрам ва дорои арзиши илмӣ, ҳамчунин дар ҷамъоварии маводи таҳқиқ ва коркарду баррасии он, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани маърузаҳо

ва интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ ифода ёфта, ҳамчун заҳмати чандсолаи муаллиф дар шакли диссертатсия ба анҷом расидааст.

Сохтори диссертатсияи мавриди баррасӣ аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсияи худ Шодиматова М.К. масоили мубрамии мавзуъ, аҳаммияти таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, манбаъҳои таҳқиқ, арзиши назарию амалии таҳқиқ, асосҳои назарию методологии таҳқиқ, равишҳои илмии таҳқиқ, нукоти асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро ба таври асоснок ироа менамояд.

Дар **боби якуми** диссертатсия таҳти унвони «Таснифоти луғавӣ-маъноии истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот» дар фаслҳои ҷудогона ва мантиқан пайпарпай масъалаҳои мубрами соҳа, бо назардошти таснифоти мавзуии онҳо чун истилоҳоти ифодакунандаи ихтисосҳои тиббӣ, истилоҳоти ифодакунандаи номи бемориҳо, истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои ташхису табобат, истилоҳоти ифодакунандаи аломатҳои клиникӣ ва пешгирии бемориҳо, истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои дорувор, номгӯйи асбобу таҷҳизоти тиббӣ, номгӯйи истилоҳоти фарматсевтӣ ва номгӯйи муассисаҳои тиббию табобатӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Зимни таҳлил унвонҷӯй ба манобеи боэътимод такя менамояд ва мисолу далелҳои ҷолибу устувор меорад, ки қобили таъкиди махсус аст.

Дар **боби дуюми** диссертатсия, ки «Хусусиятҳои этимологии истилоҳоти тиббӣ» унвон дорад, ин гурӯҳи вожагони касбии соҳавӣ аз нигоҳи бароmади таърихӣ ва мансубияти забонӣ таҳқиқ гардида, дар фаслҳои ҷудогона чун истилоҳоти тиббии аслии тоҷикӣ, истилоҳоти иқтибосӣ, аз қабили истилоҳоти тиббии иқтибосии арабӣ истилоҳоти иқтибосии русию аврупоӣ ва истилоҳоти иқтибосии туркӣ-узбекӣ мавриди таҳлилу омӯзиш ва баҳсу далеловарӣ қарор дода шудааст. Маҳз ҳамин нукта ҷолиби диққат аст, ки ҳам барои мутахассисони соҳа ва ҳам барои дигар муҳаққиқон равшан аст, ки кадом истилоҳ аз кадом забон ва бо кадом сабабу таҳти таъсири кадом омил вориди забони адабии тоҷикӣ шуда, кадом имконоти забонии интихоб дар ин замина вуҷуд дорад.

Дар **боби сеюми** диссертатсия бо номи «Хусусиятҳои сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот» масоили истлоҳотро дар робита бо вижагиҳои сохтории истилоҳот ва вожагони касбии соҳавӣ дар фаслҳои ҷудогона чун истилоҳоти шаклан сода, истилоҳоти шаклан сохта, истилоҳоти сохти мураккаб, ибора-истилоҳоти тиббӣ, ибора-ихтисораҳои тиббӣ басо бамаврид ва нуктасанҷона таҳлилу баррасӣ менамояд. Ҳамзамон дар қисмати

тарзу тартиби истифода ва ҷой доштани нуқсонҳои ҷудогона дар истифодаи истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот ибрози назар намояд.

Дар интиҳои диссертатсия **хулосаи таҳқиқ** ба таври мушаххас матраҳ гардида, нуктаҳои муҳим дар ёздаҳ банд пешниҳод шудаанд, ки басо арзишманд аст. Ҳамзамон дар анҷоми хулоса тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар ҳашт банд оварда шудаанд, ки моҳиятан арзиши баланди илмӣ доранд.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ аз он бармеояд, ки омӯзиши вижагиҳои маъноиву луғавӣ, сохтории истилоҳоти тиббӣ дорои аҳаммияти муайяни назариявӣ буда, барои ҳалли муаммоҳои ҳанӯз дар ин риштаи илмӣ мавҷуд беш аз ҳарвақта мусоидат хоҳад намуд. Ҳамзамон таҳқиқи истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ оид ба роҳҳои истилоҳсозии тиббӣ дар забони тоҷикӣ, интихоби дурусти истилоҳот, истилоҳофарӣ ва табдили вожаҳои муқаррарии забон ба истилоҳ маълумоти арзишманд дода, дар ин самт равишҳои самарабахшу роҳворро пешниҳод менамояд.

Арзиши корбурдиву амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки мавод ва масоили назарии кор дар навиштани корҳои марбут ба вожагон, грамматикаи забони тоҷикӣ, таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ барои макотиби олӣ ва миёнаи касбии кишвар метавонад мусоидат намояд. Хулосаҳои бадастомада ва натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ метавонанд ҳамчун замина ва асоси назариявӣ барои омӯзиши минбаъдаи истилоҳоти илмӣ ва маводи ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳлили он барои истифода дар назария ва амалияи тарҷума мусоидат намуда, бахусус ҳангоми таҳияи луғатҳои соҳавии тиббӣ, муҳовараҳои дузабонаи тиббӣ, барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, гузаронидани машғулиятҳои амалӣ оид ба назария ва амалияи тарҷума барои тайёр намудани мутахассисони бахши тарҷумонӣ ва рӯзноманигорони соҳавии бахши тиб арзишманд муаррифӣ мешавад.

Автореферати диссертатсияи Шодиматова М.К. тибқи талабот таҳия шудааст, вале дар баробари ин баъзе нукоте дар он ба назар мерасанд, ки ба такмилу ислоҳ зарурат доранд:

1. Дар банди 8-уми Тавсияҳои оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ чунин таъкид мешавад: «Тавсияву пешниҳоди мавзуъҳои илмӣ барои таълифи рисолаҳои магистрӣ ва номзадиву докторӣ (PhD) дар заминаи маводи забони ВАО». Аммо беҳтар мебуд, ки унвонҷӯй маҳз кадом самтҳои ҳанӯз аз таҳқиқ берунмондаи ин риштаро чун масъалаи мубрам ва қобили таҳқиқи оянда мушаххас менамуд.

2. Дар гунаҳои тоҷикӣ ва русии автореферат баъзе камбудиҳои техникӣ (7, 11, 15, 18, 22) ва имлоӣ (6, 8, 14, 17, 23) мушоҳида мешаванд.

Лозим ба ёдоварист, ки камбудиҳои дар кор ҷойдошта қимати илмии онро коста намегардонанд ва ислоҳ намудани ин камбудиҳо дар таҳқиқоти минбаъда ба манфиати кор аст. Дар умум автореферат ва маводи интишорӣ, ки аз диссертатсия бармеоянд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо ҳамин тартиб, автореферати диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна таҳти унвони Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, мутобиқи таҳқиқоти илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Ректори Филиали Донишкадаи
рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои филологӣ Мухторов Зайнидин Мухторович

**Нишонӣ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Х. Мирзоев, биноӣ 3, хонаи 56.
Тел.: (+992) 907-80-18-22
E-mail: mukhtorov67@gmail.com

**Нишонии муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел: (+992) 8888-02-777
E-mail: www.mdis.edu.tj

«01» сентябри соли 2025